# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Расулзода Субҳон Пирмад дар мавзӯи "Асосҳои методии ташаккули услуби тафаккури илмии хонандагон дар чараёни таълими химия (аз рӯйи маводи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – назария ва усули омӯзишу парвариш (химия) пешниҳод гардидааст.

Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи рушди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаи башардӯстонаи он ба шумор меравад, ки вазифаи асосии таълими химияро дар раванди таълим, дигаргуниҳо дар ҷамъият, илм, техника ва истеҳсолот таъмин менамояд. Асосҳои иҷтимоӣ, талаботҳои таълимӣ ба донишҳои хонандагон, аз ҷумла ба химия, инъикоси худро дар консепсияи таълими химия ёфтаанд.

Имрӯз дар асоси маориф масъалаи эҳёи таълими нави босифат ба миён омадааст, ки дар он мазмун бояд сифатҳои ахлоқии инсон, шуур, фаъолияти зеҳнӣ ва қобилиятҳои ӯро ба эҷодкорӣ рушд дода такмил диҳад.

Дар ин чаҳорчӯб фанни химия дорои имкониятҳои зиёд мебошад, ки онҳоро дар касби донишҳои муосир доир ба химия, рушди ҳофиза ва усули илмии маърифат мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Рушди зеҳн ва ҳофизаи хонандагон дар раванди таълими химия яке аз вазифаҳои асосии рушди фаъолияти таълимию ахлоқӣ ва шахсияти хонандагон мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар он бори аввал:

- раванди фаҳмиши ташаккули тафаккури илмӣ дар адабиёти фалсафӣ, равоншиносӣ ва педагогӣ муайян карда шудааст;

- истифодаи категорияҳои таърихӣ ва мантиқӣ дар омӯзишӣ химия ва нақши онҳо дар ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар асоси таҳқиқоти олимони ватанию хориҷӣ тавсиф ва арзёбӣ гардид;

- технологияи ташаккули услуби тафаккури илмӣ ҳангоми амалӣ намудани вазифаҳои дидактикии курси химия муайян карда шуд;

- ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар раванди омӯзиши мафҳумҳои умумии химия тавассути категорияҳои таърихӣ ва мантиқӣ мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифт;

- категорияҳои фалсафӣ барои ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар раванди таълими химия муайян карда шуданд;

- истифодаи имкониятҳои тафаккури эҷодӣ, фаъолият доир ба ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар химия мавриди баррасӣ қарор гирифт;

- таҳлили натиҷаҳои озмоиши педагогӣ доир ба татбиқи технологияи ташаккули услуби тафаккури илмӣ амалӣ карда шуд;

- таҳқиқи ташаккули тафаккури илмӣ дар раванди гузаронидани озмоиши педагогӣ дар гурӯҳҳои озмоишию назоратӣ гузаронида шуда, натиҷаҳои он мавриди муқоиса ва арзёбӣ қарор гирифтанд.

Нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:

1. Технологияи ташкили раванди таълими умумии химия, ки ба ташаккули услуби тафаккури илмӣ равона шудааст ва ифодаи тағйироти нишондиҳандаҳои асосии раванди педагогӣ (бо унсурҳои таърихиву фалсафӣ ғанӣ гардидааст), фаъолияти омӯзгор ва хонандагон дар раванди таълим (дарсҳои ғайрианъанавӣ, ҷузъҳои методҳои таҳқиқотӣ) ва ғайраҳо.

2. Самарнокии ташаккули тафаккури илмӣ, ки дар натиҷаи ташкили фаъолияти эҷодии хонандагон сурат гирифта, ҳамчун мақсад ва тарзҳои татбиқи имкониятҳои фанни химия маҳсуб мешавад.

3. Ҳалли вазифаҳои ташаккули тафаккури илмӣ тавассути ҷалби мавод оид ба таърихи химия ва категорияҳои фалсафӣ ба амал баровstreet мешавад, ки низоми татбиқи имкониятҳои фанро ҳамчун раванди мутассил, муташаккил, мутаҳаррик ва гуногуннусха фароҳам месозад.

Асоснокӣ ва муътамад будани натиҷаҳои таҳқиқотро давраи тӯлонии таҳқиқот, ки дар шароитҳои мушоҳида, назорат, низоми методологӣ, муносибати фардӣ–эҷодӣ, татбиқи технологияи комплексии таҳқиқот, муқоисаи маълумот дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ бадастомада, таҷрибаи шахсии муаллиф ба сифати роҳбарии гурӯҳи омӯзгорон ва иштироки бевоситаи ӯ дар кори таҷрибавӣ–озмоишӣ тасдиқ менамоянд.

Таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ. Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои илмии дар рӯйхати КОА –и дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, КОА – и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия тасдиқ гардида 6 мақолаи илмӣ ба чоп расонида шуданд.

Мазмун ва муҳтавои авторефрат, маводи нашршуда ба мавзӯъ ва матни рисола мувофиқат менамоянд.

Тартиб ва танзими автореферати диссертатсияи унвонҷӯ ба талаботи КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мутобиқ буда, диссертатсияи Расулзода Субҳон Пирмад дар мавзӯи “Асосҳои методии ташаккули услуби тафаккури илмии хонандагон дар ҷараёни таълими химия (аз рӯйи маводи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ

аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – назария ва усули омӯзишу парвариш (химия) пешниҳод гардидааст, кори баанҷомрасидаи илмию таҳқиқотӣ буда, ба талаботи КАД – и назди Президенти Ҷумҳурии мутобиқат мекунад ва барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – назария ва усули омӯзишу парвариш (химия) тавсия карда мешавад.

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессор ______________________ Мирзоев Салим Сайдалиевич

*Имзои С.С.Мирзоев.-ро тасдиқ мекунам.*

*Мудири шуъбаи кадрҳои ДДК*

*ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ* *Ятимов Ҳ.Т.*